# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), аз ҷумла ба *бахши 1* - Методологияи таҳқиқот оид ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (дидгоҳҳои илмӣ ба таҳқиқи рушди таҳсилоти касбӣ, робитаи мутақобили назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ бо амалия; методҳои таҳқиқи таҳсилоти касбӣ), ба *бахши 10* - Омодагии мутахассисон дар низоми таҳсилоти бисёрсатҳӣ, ба *бахши 11* - Технологияҳои муосири таҳсилоти касбӣ; *бахши 13* - Муҳити таҳсилоти муассисаи таълимии касбӣ мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар шароити муосири рушди Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд аз масоили муҳимми таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонони донишҷӯ маҳсуб ёфта, аз ин дидгоҳ унвонҷӯ мавзуи хеле мубрам - ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони ояндаро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст.

Рушди микёсан васеи давлати ҳуқуқбунёд ҷустуҷӯи воситаҳои ҳуқуқии самараноки инкишофи иҷтимоӣ ва инсонгароёнаи ҷомеа, аз ҷумла, таҳсилоти муосирро тақозо мекунад. Эҳтиёҷоти ҷомеа зарурати тағйир додани низоми таҳсилотро дар самти фарогирии фазои ҳуқуқӣ ва инкишофи онро ҳамчун воситаи ҳуқуқӣ ва зернизоми ҷомеаи шаҳрвандӣ ба миён овардааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси олии Маҷлиси миллӣ аз 28-уми декабри соли 2023 ба

маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон дахл намуда, чунин таъкид кардаанд: “Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад”.

Вобаста ба ин моро зарур аст, ки хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олиро боз ҳам тақвият бахшем. Маҳз чунин инсон бо низоми дахлдори арзишҳо, шавқу рағбат ва эҳтиёҷот ҳадафи ҷомеаи шаҳрвандист. Танҳо робитаи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки раванди фаъолияти амалии ҳаёти одамонро инъикос менамояд, ҷомеаи комили шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, бояд хотиррасон кард, ки дар ин раванд нақши пешбару масъул ба омӯзгор мансуб аст.

Имрӯз омӯзгор бояд ҷиҳати дар худ таҷассум намудани сифатҳои педагоги ормонӣ (идеалӣ) кӯшиш намояд, дар самти худтакмилдиҳӣ пайваста кор барад, фаъолияти таълимию тарбиявиро ба маҷрои тақвияти зеҳнии миллат равона созад, насли нави шаҳрвандони бошуурро ташаккул диҳад.

Қайд бояд кард, ки ба омӯзгор дарки муаммоҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии давлат, истифодаи воситаҳои фаъолият ва амсилаҳои рафтор, ки ба қонунгузории амалкунандаи давлат мувофиқанд, бошуурона интихоб кардан ва татбиқ намудани технологияҳои ҳуқуқии қабули қарорҳои инфиродӣ ва коллективӣ ба шарте муяссар мегардад, ки шуури ҳуқуқии ташаккулёфта дошта бошад.

Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна изҳор намудааст, айни замон дар воқеъ рахнаи байни қонунгузории муосир ва сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқии хатмкунандаи мактаби олӣ торафт бештар аён гардида истодааст. Эҳтиёҷ ба мутахассисони кордон, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ босавод пурзӯр мегардад.

Мутахассиси ҷавони соҳаи ҳуқуқ бояд аз ҷиҳати психологӣ тағйироти дар ҷомеа амалишавандаро қабул карда, ба масъулияти торафт афзуншавандаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, ба мустақилият ва оқилона рафтор

намудан дар ҳаёти иҷтимоӣ омода бошад. Бояд гуфт, ки дар ҷомеаи муосир шуури ҳуқуқии аксари ҷавонон ба талаботи вақт мувофиқ нест. Сатҳи пасти шуури ҳуқуқии онҳо дар роҳи рушди давлати ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ мебошад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ, ки ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олиро таъмин мекунанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Характери ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Инчунин, довталаб Бобоҷонова Саломат дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст. Аз он ҷумла:

- муайян карда шудааст, ки фарогирии методикаҳои интерактивӣ ва шаклҳои кор на танҳо дар вақти машғулиятҳои таълимӣ бо таълимгирандагон, балки бевосита дар фаъолияти касбӣ муфид аст. Зимни истифодаи методикаҳои интерактивӣ, ки ба таълим тавассути таъсироти мутақобил асос ёфтааст, вазъият, муносибатҳои тарафайн, вазифаҳое фароҳам оварда мешаванд, ки ба фаъолияти ҳаррӯзаи мутахассисони бо одамон коркунанда хос мебошанд. Ин тарзу воситаҳоро ҳангоми гузаронидани машварати корӣ, маҷлиси кормандони муассиса, ҷаласаи кафедра, иттиҳодияи методӣ метавон истифода бурд, ки боиси фаъолгардонии иштирокчиён, баланд шудани сатҳи масъулияти онҳо барои иҷрои қарорҳои қабулшуда мегардад;

- дар рафти таҳлил ва ҷамъбасти нишондиҳандаҳои таҷрибавӣ-озмоишии амсила ва технологияи омодакарда оиди ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда ба таври возеҳ муайян карда шудааст, ки сатҳи ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ дар интиҳои озмоиш дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ зиёда аз 30 % баланд шудааст.

- аммо бояд қайд кард, ки дар доираи як таҳқиқот тамоми муаммоҳои омодасозии мутахассиси соҳаи педагогиро ҳал кардан ғайриимкон аст. Дар кори озмоишии довталаб моҳиятан танҳо масъалаҳои таъсири раванди таълими мактаби олӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва асосҳои фарҳанги ҳуқуқии омӯзгорони оянда баррасӣ гардидааст. Ба омӯзиши амиқтари омодагии ангезавии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ, таъсири хусусиятҳои психологии онҳо ба раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва ҳосилкунии дидгоҳи тафриқавӣ дар донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус бояд зоҳир кард.

Аз ин лиҳоз, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва дархурди ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:* Қабл аз ҳама, дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Бобоҷонова Саломат, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву амалӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки ҳақиқатан аз ҷониби муаллиф:

- корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд, ки то андозае аниқ карда шудааст;

- раванди таълиме, ки дар машғулиятҳои факултетҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ва факултети таърихи “Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент” ба роҳ монда шудааст, ба ташаккули шуури ҳуқуқии

омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ асос ёфтааст, ки ҳадаф ва сифати он мебошад.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масъалаҳои зиёди ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор дода шуданд:

- амсилаи ташаккул додан ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён - омӯзгорони оянда коркард шудааст;

- технологияи инноватсионии ташкили раванди таълиму тарбия дар доираи фанни Ҳуқуқ дар асоси истифодаи комплекси технологияҳои таҳсилот коркард шудааст, ки ба шахсият, қобилияти эҷодӣ ва рефлексивии ӯ нигаронида шудааст.

- технологияи ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилот тарҳрезӣ гардидааст.

Нуқтаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- шуури ҳуқуқии донишҷӯ ҳамчун сохтори шахсият баррасӣ шудааст, ки ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ ва ҷузъи рафтории дар ягонагии диалектӣ инкишофёбанда баррасӣ шудааст;

- маърифати ҳуқуқӣ аз рӯи моҳият чун асоси оянда ва таҳкурсии ҳимояи ҳуқуқҳо дар раванди фаъолияти минбаъдаи касбӣ, чун восита барои ҳимояи ҳудудҳои шахсӣ аз омилҳои ғайриҳуқуқии беруна ва аз ҳудудҳои ҳуқуқӣ берун муайян карда гардидааст;

- методикаи ташкили раванди таълиму тарбияи омӯзгорони оянда дар доираи фанни «Ҳуқуқ» дар заминаи истифодаи технологияҳои интерактивии барномавӣ-методӣ мавриди татбиқ қарор дода шудааст.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:* Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври зарурӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорониояндаро дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ мавриди таҳқиқот анҷом додааст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди

таълим бахшидашуда; корҳои таҳқиқотӣ оид ба ташаккули шуурнокии ҳуқуқӣ, ташаккул ва рушди мазмуни таълиму тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён; манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба ташаккул ва рушди низоми тарбияи ҳуқуқӣ; пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятнокии такмили муҳити муосири ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯёнро дар макотиби олӣ мавриди омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи қарор додааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди фаъолияти педагогии муаллиф ба сифати омӯзгори донишгоҳ амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети педагогика ва таҳсилоти ибтидоӣ, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «XII Хонишҳои Ломоносовӣ» бахшида ба рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия (Душанбе, ДРСТ, 29-30 апрели с. 2022), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ” (Душанбе, ДДОТ ба номи Айнӣ, 25 феврали с.2023), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии “Илми фаромиллӣ ва инноватсия 2023: Осиёи Марказӣ” (Астана, Қазоқистон, 10-15 апрели соли 2023), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташаккули фарҳанги касбии мутахассис» (Хуҷанд, ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, с.2020) тӯли солҳои 2018-2023 муҳокима шуда, ҳамчунин, тавассути хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулияти амалӣ дар донишгоҳ сурат гирифта, тасвиби худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

1. Дар рафти таҳқиқот моҳияти мафҳуми «шуури ҳуқуқии педагоги оянда» мушаххас ва ошкор гардида, нишон дода шудааст, ки он бо сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ (ҷузъи когнитивӣ) муайян шуда, бо мурури зиёдшавии шавқмандӣ ба ҳуқуқ, ҳосилшавии таҷриба ва маҳорат дар истифодаи он, истифодаи донишу малакаҳои ҳуқуқӣ дар фаъолиятиояндаи касбӣ пурра мегарданд.

2. Ба қисми иҷтимоӣ-эстетикӣ (ҷузъи баҳодиҳӣ-водоркунанда) ташаккули самтгирии танзимкунандаи рафтори ҳуқуқии дар шароити истифодаи технологияҳои интерактивии таълим ҳосилшуда хос аст. Арзишҳои ҳуқуқӣ тариқи воридкунии донишҷӯ ба раванди ҳалли вазъияти проблемавии касбӣ тавассути корбасти технологияҳои махсуси интерактивӣ амалӣ шуданд. Фаъолнокии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ (ҷузъи рафторӣ) - тариқи воридкунӣ ва ҳамгироии донишҷӯён – омӯзгорони оянда ба бозиҳои касбии нақшдор, тарҳрезии вазъияти барои фаъолияти касбӣ муҳим ташаккул дода шудааст.

3. Бо назардошти сифатҳои шахсиятии инсон, яъне муқарарот, ангезаҳо, зеҳн, соҳаи эмотсионалӣ-иродавии ӯ шуури ҳуқуқии донишҷӯ – омӯзгори оянда ҳамчун сохтори шахсиятие муайян карда шуд, ки дар худ донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати арзишпазир ба ҳуқуқ, маҳорати тарҳрезии рафторро дар мувофиқат бо ҳуқуқи амалкунанда таҷассум намуда, аз ҷузъҳои когнитивӣ, баҳодиҳӣ-эмотсионалӣ, рафторӣ дар соҳаи ҳуқуқ, татбиқи он дар ҳолатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, зиндагии ҳаррӯза, фаъолияти касбӣ фаро мегирад.

4. Муайян карда шудааст, ки бояд фарқияти шуури ҳуқуқӣ ҳамчун тавсифи соҳаи шахсиятӣ ва ҳамчун муқаррароти хусусии шуури ҳуқуқии донишҷӯ муқаррар карда шавад, ки ӯ дорои малакаи афкори интиқодӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои оқилонаи ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ, дарёфт кардани роҳ аз вазъияти баҳснок дар шароити истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, дорои мавқеи устувору фаъоли шаҳрвандӣ, афкори мустақилонаи шахсие, ки метавонад онро иброз кунад, мебошад.

5. Марҳалаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳандаи озмоиш нишон доданд, ки амсила ва маҷмуи шартҳои педагогии аз ҷониби довталаб пешниҳодшуда самаранокии кофӣ доранд. Барои баҳодиҳии самаранокии раванди ташаккули шуури ҳуқуқии донишҷӯён – омӯзгорони оянда меъёрҳое коркард шуданд, ки муайянкунии се сатҳи ташаккулёбии онро имкон доданд: паст, миёна, баланд.

6. Сатҳи шуури ҳуқуқии донишҷӯён нишондиҳандаи муҳими ташаккули шахсият ва индикатори самаранокии раванди таълим дар мактаби олӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқ равиши маҷмуавӣ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дар он ба сифати меъёрҳои шуури ҳуқуқӣ ҷанбаҳои зерин: шуури ҳуқуқӣ, муносибат ба ҳуқуқ, самтгирӣ ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, рафтор дар доираи ҳуқуқ қабул шуданд.

Ҷамъи пешниҳоду тавсия ва коркардҳои дар боло зикршудаи аз ҷониби довталаб анҷом додашударо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ дар фаъолити таълимиву тарбиявии худ ҷиҳати ташаккули шуури ҳуқуқии шогирдон васеъ истифода баранд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети педагогика ва таҳсилоти ибтидоӣ, кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии баргузоршуда ироа ва баррасӣ гардида, дар шакли 3 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия ва 8 мақолаи илмии дигар дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ баровардa шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:* Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Муаллиф дар диссертатсия ва автореферат вижагиҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони ояндаро дар раванди таҳсилоти олӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, роҳҳои беҳтар кардани ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони ояндаро бо истифодаи корҳои амалӣ дар раванди таълим шарҳу тавзеҳ додааст. Аммо бисёр хуб мешуд, агар якчанд нақшаи дарси намунавиро дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни ҳуқуқ таҳия карда, дар диссертатсия ҷой медод, ки омӯзгорони фанни мазкур аз он истифода мебурданд.

2. Агар унвонҷӯ дар қисми таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот донишҷӯёни яке аз коллеҷҳои омӯзгориро низ ҷалб мекард ва дар муқоиса бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаъолияти онҳоро таҳлилу баррасӣ мекард, арзишмандии кори илмӣ ба маротиб баланд мешуд.

3. Бисёр хуб мешуд, агар дар номи диссертатсия ва тамоми матни диссертасия ба ҷойи ибораи “макотиби олӣ” ибораи “муассисаҳои таҳсилоти олӣ”-ро истифода мекард.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Бобоҷонова Саломат Раҳимҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккули шуури ҳуқуқии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти мактаби олӣ”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал

18.01.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи С.Айнӣ 126. Тел.(+992)900 85 35 35; E-mail:takmil-bbk@mail.ru

*Имзои Каримзода Мирзо Бадалро тасдиқ мекунам.*

*Нозири кадрҳои АТТ* *М. Саидова*